**ХУЛОСАИ**
**шурои диссертатсионии 6D.КОА-068-и назди**
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**
**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси**
**10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ**

Парвандаи аттестатсионии №____

Қарори шурои диссертатсионӣ аз 04.03.2024, №17

Барои сазовор донистани Нурова Зведамо Сафаровна, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ.

Диссертатсияи Нурова Зведамо Сафаровна дар мавзуи «Таҳлили луғавӣ-грамматикии истилоҳоти забоншиносӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D. КОА-068-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ (734003, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми декабри соли 2022, таҳти №306/шд) 19-уми декабри соли 2023, суратҷаласаи №45 барои ҳимоя қабул гардидааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Нурова Зведамо Сафаровна 14-уми июли соли 1969 дар шаҳри Ваҳдати Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Соли 1986 ба Институти педагогии давлатии Душанбе ба номи Т.Г.Шевченко дохил шуда, соли 1991 факултети забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Қ. Ҷӯраев (ҳоло ба номи С. Айнӣ)-ро бо ихтисоси омӯзгори забони немисӣ-педагогика бо дипломи аъло хатм намудааст. Солҳои 1991-1997 ба ҳайси муаллими забони немисӣ дар мактаби миёнаи таҳсилоти умумии №65-и шаҳри Ваҳдат фаъолият кардааст. Солҳои 1997-2001 ассистенти кафедраи методикаи таълими забонҳои хориҷӣ ва ихтисоси дуюм дар ДДОТ ба номи Қ. Ҷӯраев (ҳоло ба номи Садриддин Айнӣ) буда, солҳои 2001-2019 дар вазифаи муаллими калони кафедраи забони олмонӣ ва методикаи таълими он, солҳои 2019-2022 муаллими калони кафедраи услубшиносӣ ва назарияи тарҷумаи забонҳои хориҷӣ (забони олмонӣ ва фаронсавӣ) кор карда, аз соли 2022 то ҳол дар кафедраи забони олмонии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ фаъолият дорад.

Диссертатсия дар кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ иҷро шудааст.

Роҳбари илмӣ – доктори илми филология, профессори кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Ҷаматов Самиддин Салоҳиддинович.

Муқарризони расмӣ: **Тӯраҳасанов Қодирқул Шодиқулович**, доктори илми филология, дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ ва усули таълими забону адабиёти тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон; **Бобоева Мадина Маруфовна**, номзади илми филология, муаллими калони кафедраи забонҳои Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. Осимӣ.

**Муассисаи пешбар:** Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби раиси ҷаласа – номзади илми педогогика, дотсент, мудири кафедраи забонҳои романӣ-германии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Назирқулов Тағаймурод Абдурасулович, ташхисгарон – номзади илми филология, дотсент, декани факултети забонҳои Аврупои Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Ҳалимова Маҳбуба Сафаралиевна, номзади илми филология, дотсенти кафедраи забонҳои романӣ-германии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Абдуласанова Зейнал Шамшербековна ва котиби илмии ҷаласа омӯзгори кафедраи забонҳои романӣ-германии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Давлатов Муслим Сайбурҳонович имзо шуда, ба имзою муҳри ректори муассиса, доктори илми филология, профессор Гулназарзода Жило Бурӣ тасдиқ гардидааст, қайд менамояд, ки диссертатсияи номзадии Нурова Зведамо Сафаровна дар мавзуи «Таҳлили луғавӣ-грамматикии истилоҳоти забоншиносӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ» ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ сазовор мебошад.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо назардошти муқарраротни бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, тахти №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъйин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бар он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи забоншиносӣ буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф кардаанд, ки мазмуну мухтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот дорад.

Довталаби дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи диссертатсия 22 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 3 фарҳанг ва 1 китоби дарсӣ ба чоп расидаанд. Маводи интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, гувоҳи саҳми шахсии муаллиф мебошанд:

1. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд:

[1-М]. Нурова, З. Роҳҳои корбурди вожагони иқтибосӣ дар забонҳои лотинӣ ва олмонӣ / З. Нурова [Матн] // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. – №1 (84) 2020. – С.69-73. ISSN 2219-5408.

[2-М]. Нурова, З. Нигоҳи забоншиносон роҷеъ ба таърихи луғатнигорӣ дар забони олмонӣ / З. Нурова [Матн] // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. №2 (85) 2020. – С.61-64. ISSN 2219-5408.

[3-М]. Нурова, З. Нақши калимасозӣ дар ғанӣ гардонидани таркиби луғавии забони олмонӣ / З. Нурова [Матн] // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. №6 (89) 2020, – С.111-114. ISSN 2219-5408.

[4-М]. Нурова, З. Восита ва роҳҳои сермаҳсули калимасозӣ дар забони адабии ҳозираи олмонӣ / З. Нурова [Матн] // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. №2 (91) 2021. – С.65-70. ISSN 2219-5408.

[5-М]. Нурова, З. Шарҳи мухтасари мафҳуми истилоҳ ва истилоҳшиносӣ дар фарҳангҳои соҳаи забоншиносӣ / З. Нурова [Матн] // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. – №6 (95) 2021. – С.87-90. ISSN 2219-5408.

[6-М]. Нурова З., Ҷаматов, С. Падидаи антонимӣ дар истилоҳоти сарфии забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ / З. Нурова, С. Ҷаматов [Матн] //

Ахбори Академияи Илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон №4 (269) 2022. – С.232-236. ISSN 2791-2639.

2. Мақолаҳое, ки дар маҷмуа ва нашрияҳои дигари илмӣ чоп шудаанд:

[7-М]. Нурова, З. Сухане чанд роҷеъ ба таърихи пайдоиши пешояндҳо дар забони олмонӣ / З. Нурова [Матн] // Маводи конференсияи байналмилаллии илмӣ-амалӣ таҳти унвони «Масъалаи мубрами забоншиносӣ, тарҷума ва усули таълими забонҳои хориҷӣ дар мактаби олӣ». – Душанбе, 2018 – С.191-194.

[8-М]. Нурова, З.С., Раҷабалӣ, З. Пешояндҳои ифодакунандаи замон дар забони олмонӣ / З. Нурова, З. Раҷабалӣ [Матн] // Маводи конференсияи байналмилаллии илмӣ-амалӣ таҳти унвони «Усулҳои муосири таълими забон ва адабиёти рус дар шароити бисёрфарҳангии таҳсилот». – Душанбе, 2018. – С.191-194.

[9-М]. Нурова, З.С., Сафаров, М.Р. Ихтисора яке аз роҳҳои калимасозӣ дар забони олмонӣ / З. Нурова, М. Сафаров [Матн] // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ таҳти унвони «Масъалаҳои мубрами методикаи таълими забонҳои хориҷӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ» бахшида ба 80 солагии таъсисёбии факултети забонҳои хориҷӣ ва амалгардонии «Барномаи давлатии омӯзиш ва такмили забонҳои русӣ ва англисӣ барои солҳои 2015-2020». – Душанбе, 2020. – С.193-196.

[10-М]. Нурова, З.С., Сафаров, М.Р. Ташаккул ва таҳаввули калимасозӣ дар забони олмонии қадим / З. Нурова, М. Сафаров [Матн] // Маводи конференсияи илмӣ-амалии байналмиллалӣ таҳти унвони «Муносибати босалоҳият дар ташаккули маҳорати нутқи омӯзгорониояндаи забони хориҷӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурии Тоҷикистон» бахшида ба 90-ум солгарди таъсисёбии ДДОТ ба номи С. Айнӣ ва 80-умин солгарди таъсисёбии факултети забонҳои романӣ. – Душанбе, 2020. – С.99-103.

[11-М]. Нурова, З.С., Сафаров, М.Р Масъалаи калимасозӣ аз дидгоҳи забоншиносони хориҷӣ ва муайян намудани роҳҳои корбасти он / З. Нурова, М. Сафаров [Матн] // Маводи конференсияи илмӣ-амалии байналмиллалӣ таҳти унвони «Муносибати босалоҳият дар ташаккули маҳорати нутқи омӯзгорониояндаи забони хориҷӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурии Тоҷикистон» бахшида ба 90-ум солгарди таъсисёбии ДДОТ ба номи С. Айнӣ ва 80-умин солгарди таъсисёбии факултети забонҳои романӣ-германӣ. – Душанбе, 2020. – С.103-105.

[12-М]. Нурова, З.С., Сафаров, М.Р. Нигоҳе ба таърихи пайдоиши вожагони иқтибосӣ аз дигар забонҳо ба забони олмонӣ / З. Нурова, М. Сафаров [Матн] // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ таҳти унвони «Масъалаҳои мубрами забоншиносӣ ва лингводидактика дар заминаи муоширати байнифарҳангӣ» бахшида ба 90 солагии таъсисёбии ДДОТ ба номи С. Айнӣ ва 50 солагии таъсисёбии кафедраи забонҳои хориҷии умумидонишгоҳӣ. – Душанбе, 2021. – С.282-285.

[13-М]. Нурова, З. Андешаи забоншиносони дохиливу хориҷӣ перомуни истилоҳи сарф (морфология) дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ / З. Нурова [Матн] // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ таҳти унвони «Масъалаҳои мубрами забоншиносӣ, тарҷумашиносӣ, адабиётшиносӣ ва методикаи таълими забонҳои хориҷӣ дар мактабҳои олӣ» ба ифтихори ба 90 солагии ДДОТ ба номи С. Айнӣ ва 25-солагии таъсисёбии кафедраи назарияи тарҷума ва услубшиносӣ. – Душанбе, 2021. – С.99-100

[14-М]. Нурова, З.С. Падидаи сермаъноӣ дар истилоҳоти сарфии забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ / З. Нурова [Матн] // Маводҳои конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ таҳти унвони «Забони миллӣ - оинаи пурҷилои таърих» бахшида ба «Рӯзи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон». – Душанбе, 2022. – С.117-121.

[15-М]. Нурова, З. Падидаи муродифот дар истилоҳоти мансуби морфологияи забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ / З. Нурова [Матн] // Маводҳои конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ бахшида ба амалгардонии «Барномаи давлатии такмил ва омӯзиши забонҳои хориҷӣ барои солҳои 2021-2030»). – Душанбе, 2022. – С.105-107.

[16-М]. Нурова, З., Ҷоматов, С. Падидаи омонимия дар истилоҳоти мансуби морфологияи забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ / З. Нурова, С. Ҷаматов [Матн] // Маводҳои конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ таҳти унвони «Рушди забони давлатӣ дар партави гуфтугӯи фарҳангҳо» бахшида 30 солагии барқарор шудани муносибатҳои дипломатии миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Фаронса ДДОТ ба номи С. Айнӣ. – Душанбе, 2022. – С.81-84.

[17-М]. Нурова, З.С. Нақши истилоҳоти иқтибосии наҳвӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ / З. Нурова [Матн] // Маводҳои конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳурӣ таҳти унвони «Масъалаҳои мубрами методикаи таълими забонҳои хориҷӣ, забоншиносӣ, назария ва амалияи тарҷума» бахшида ба «Рӯзи байналмиллалии забони давлатӣ» ва амалигардонии «Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши

забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. – Душанбе, 2023. – С.96-97.

[18-М]. Нурова, З., Ҷаматов, С. Нақш ва ҷойгоҳи истилоҳоти наҳв дар таркиби луғавии забони тоҷикӣ ва олмонӣ / З. Нурова, С.С. Ҷаматов [Матн] // Маводҳои конференсияи илмӣ-назариявии байналмиллалӣ бахшида ба «Ҷашни Наврӯзи байналмиллалӣ» ва амалигардонии «Барномаҳои давлатии такмили таълим ва омӯзиши забони русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030». – Душанбе, 2023. – С.135-137.

[19-М]. Нурова, З.С. Таҳлили сохтории истилоҳоти мансуби аъзоҳои ҷумла дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ / З. Нурова [Матн] // Маводҳои конференсияи илмӣ-назариявии байналмиллалӣ таҳти унвони «Масъалаҳои мубрами филология ва методикаи ташаккули салоҳиятмандии донишҷӯён аз забонҳои хориҷӣ». – Душанбе, 2023. – С.131-133.

[20-М]. Нурова, З., Ҷоматов, С. Падидаи сермаъноӣ дар истилоҳоти наҳвӣ забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ / З. Нурова, С. Ҷаматов [Матн] // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ, бахшида ба «Рӯзи Ҷавонони Тоҷикистон» ва амалигардонии «Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030». – Душанбе, 2023. – С.150-153.

[21-М]. Ҷаматов, С., Нурова, З. Таҳлили мансубияти истилоҳоти наҳвии забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ ба ҳиссаҳои нутқ / С. Ҷаматов З. Нурова [Матн] // Маводҳои конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Масъалаҳои мубрами омӯзиши забонҳои хориҷӣ ва проблемаҳои забоншиносии муосир» бахшида ба амалигардонии «Барномаҳои давлатии такмили таълим ва омӯзиши забони русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030». – Душанбе, 2023. – С.296-298.

[22-М]. Ҷаматов, С. Нурова, З. Падидаи ҳамгуншавӣ дар низоми истилоҳоти наҳви забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ / С. Ҷаматов, З. Нурова [Матн] // Маводҳои конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Масъалаҳои назария ва амалияи тарҷума ва забоншиносӣ дар мактабҳои олии касбӣ» бахшида ба амали гардидани «Барномаҳои давлатии такмили таълим ва омӯзиши забони русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030». – Душанбе, 2023. – С.192-194.

3. Китобҳои дарсӣ ва васоити таълимӣ:

1. Нурова, З., Шозедов, Н. Луғати мухтасари тоҷикӣ-олмонии истилоҳоти забоншиносӣ / З. Нурова, Н. Шозедов. – Душанбе: Матбааи ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 2010. – 69 с. ББК Я2 81.2 нем + 81.2 (2тоҷик) Ш – 78

2. Нурова, З.С., Шозедов, Н., М. Сафаров. Грамматикаи забони адабии ҳозираи олмонӣ (китоби дарсӣ) / З. Нурова, Н. Шозедов, М. Сафаров. – Душанбе: Матбааи ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 2019. – 172 с. ББК Я 73 81.2 нем Ш-78

3. Нурова, З.С., Сафаров, М., Шозедов, Н. Луғати истилоҳоти забоншиносӣ / З. Нурова, М.Р. Сафаров, Н. Шозедов. – Душанбе: Матбааи ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 2023. – 259 с. ТКБ 81.3 Нем + 81.3 Тоҷ + 81.3 Ру (91) Р-92 ISBN 978-99985-41-27-6

4. Нурова, З.С., Ҷаматов, С.С. Луғати истилоҳоти овошиносӣ / З. Нурова, С. С. Ҷаматов. – Душанбе: Матбааи ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 2023. – 256 с. ТДУ 803+809.155.0+808.2 ТКБ 81.2 Нем + 81.2 Тоҷ + 81.2 Рус Н-92 ISBN 978-99985-893-6-0

Ба автореферати диссертатсия аз муассиса ва муҳаққиқони зерин тақризҳо ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:

**1.** Саъдиева Г. Ф. – номзади илми филология, дотсенти кафедраи филологияи англисии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон. Дар тақриз роҷеъ аз рӯйи мазмуну муҳтаво, мундариҷа комилан мувофиқат намудани диссертатсия ба ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ зикр гардида, ба автореферат ду эрод гирифта шудааст:

- дар баъзе аз саҳифаҳои рисола миқдори зиёди мисолҳо оварда шудааст (саҳ. 82-83, 91-92). Хуб мешуд, ки миқдори мисолҳо кам мегардид;

- дар баъзе аз саҳифаҳои рисола (34, 45, 76….) ғалатҳои имлоӣ ва услубӣ ба чашм мерасад.

**2.** Гулямов Ҳ. Қ. – номзади илми филология, и.в., дотсенти кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Тақриз дар маҷмуъ мусбат буда, чунин эродҳо оварда шудаанд:

- муаллиф дар боби аввали рисола иқтибосоти зиёдеро овардааст. Хуб мешуд, миқдори онҳоро камтар намуда, назари танқидии худро роҷеъ ба фикру андешаҳои онҳо баён мекард;

- дар бархе аз саҳифаҳои рисола (24, 55, 86….) ғалатҳои имлоӣ ва услубӣ ба чашм мерасад.

**3.** Сабирова С. Ғ. – номзади илми филология, дотсенти кафедраи забонҳои Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В.Ломоносов дар шаҳри Душанбе, тақриз мусбат буда, ба автореферат се эрод гирифта шудааст:

- дар боби якуми рисола ягон сухане аз нақши олимону мутафаккирони форсу тоҷик, амсоли Абуалӣ ибни Сино, Абунасри Форобӣ, Насируддини Тусиву Хоҷа Ҳасани Нисорӣ намеравад, зеро нақши эшон дар ташаккули истилоҳоти овошиносии форсу тоҷик бағоят бузург аст. Агар муаллиф аз он истилоҳоте, ки дар таълифоти олимони зикршуда ҷой дорад, ёдовар мешуд, арзиши илмии рисола боз ҳам баландтар мегардид;

- дар бахши «Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ» муаллиф аз он рисолаҳое, ки дар бораи муқоисаи забони тоҷикӣ бо забонҳои дигари хориҷӣ таҳқиқ шудаанд, ёдовар мегардид, хеле хуб мебуд, ба монанди рисолаи Ҷӯраева Марҷона (Таҳлили муқоисавии истилоҳоти наҳви забонҳои тоҷикиву англисӣ, 2019), Ғаниева Моҳира (Таҳлили муқоисавии истилоҳоти овошиносии забонҳои тоҷикиву фаронсавӣ, 2021);

- дар баъзе аз саҳифаҳои рисола (саҳ.22, 32, 51, 61....) ғалатҳои услубӣ ва имлоӣ дида мешавад.

**4.** Гуламадшоев Ш. Ш. – номзади илми филология, и.в. дотсенти кафедраи забони давлатӣ ва забонҳои муосири хориҷии Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб, тақриз мусбат буда, ба автореферат чунин эродҳо пешниҳод гардидаанд:

- агар муаллиф ба таҳлили решашинохтии истилоҳоти забоншиносӣ дар ҳар ду забон рӯ меовард, арзиши илмии диссертатсия боз ҳам болотар мегардид, зеро микдори зиёди истилоҳоти забоншиносии тоҷикӣ бaромади арабӣ ва истилоҳоти забоншиносии олмонӣ баромади юнониву лотинӣ ва фаронсавӣ доранд.

- дар бархе аз саҳифаҳои рисола (саҳ.37, 43, 52….) ғалатҳои имлоӣ ва услубӣ ба чашм мерасад.

Муқарризон дар баробари муайян кардани баъзе ғалатҳо ва нуқсонҳои диссертатсия ва автореферати он (тоҷикӣ ва русӣ) аҳаммияти ҷанбаҳои назариявию амалӣ ва навоварии корро таъкид карда, онро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ сазовор донистаанд.

Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқи илмӣ:

– сарчашмаҳои ташаккул ва такомули истилоҳоти забоншиносии забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ **муайян карда шудааст**;

– хусусиятҳои сохториву маъноӣ ва луғавии истилоҳоти забоншиносӣ **муқаррар шудаанд**;

– роҳу усулҳои асосии истилоҳсозие, ки дар созмони истилоҳоти забоншиносии забонҳои муқоисашаванда нақш доранд, **муайян карда шудааст;**

– нақши истилоҳоти забоншиносии иқтибосӣ дар ташаккулу такомули таркиби луғавии забонҳои тоҷикиву олмонӣ **нишон дода шудааст;**

– дараҷаи сермаҳсуливу каммаҳсулии унсурҳои истилоҳсоз дар ташаккули истилоҳоти забоншиносии забонҳои муқоисашаванда **муқаррар гардидаанд.**

**Аҳаммияти назарии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад**, ки таҳқиқоти диссертатсионии мазкур минбаъд дар пажуҳиши масъалаҳои мухталифи забоншиносӣ, алалхусус, дар таҳлилу баррасии масъалаҳои забоншиносии муқоисавӣ-типологӣ, аз қабили таҳқиқи муқоисавии истилоҳоти забонҳои мухталиф мусоидат менамояд. Натиҷаи таҳлилу баррасии мавзуи таҳқиқ метавонад дар омӯзиши масоили мухталифи соҳаҳои забоншиносӣ, аз ҷумла, забоншиносии муқоисавӣ-типологӣ, овошиносӣ, луғатшиносӣ, калимасозӣ ва грамматика мавриди истифода қарор дода мешавад. Дар диссертатсияи мазкур арзиши илмию назарии он зимни баррасии масъалаҳои илмию назарии қонуният ва истифодаи воситаҳои ифодаи мафҳумҳои илмӣ, вижагиҳои забониву грамматикии онҳо, умумият ва фарқияти онҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ, ҳамчунин, мушаххас намудани вижагиҳои тарҷумаи воситаҳои забонии баёни илмӣ дар забонҳои мавриди таҳқиқ дида мешавад. Ҷанбаи дигари муҳимми илмию назарии диссертатсияи мазкур дар такмили назария ва афкори илмии муҳаққиқони соҳа дар самти вижагиҳои типологии воситаҳои забонии баёни илмӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ ифода гардидааст.

Барои ҳалли мақсаду вазифаҳои пешгузошта дар диссертатсия аз методҳои тасвирӣ, типологӣ-муқоисавӣ, таҳлили дистрибутивӣ, таҳлили ҷузъҳо (компонентӣ) ва таҳлили сохторӣ-типологӣ истифода шуданд.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаб барои дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад**, ки натиҷаи таҳқиқ ва таҳлилу хулосабарориҳои он дар самтҳои гуногун метавонад истифода шавад. Аз ҷумла, диссертатсияи мазкур метавонад дар раванди дарсҳои фанни типологияи муқоисавӣ, луғатшиносӣ ва грамматика, дар

навиштани дастурҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ барои мактабҳои олии кишвар мавриди истифода қарор гирад.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд**, ки дар таҳқиқи диссертатсионӣ консепсияҳои илмӣ ва назарияи забоншиносии ватанию хориҷӣ истифода шудаанд. Дар маҷмуъ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз дақиқияти маълумот, мувофиқат намудани ҳаҷми маводи таҳқиқ, теъдоду ҳаҷми интишорот ва интихоби дурусти методҳои таҳқиқ бармеояд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмӣ манзур гардида, натиҷаҳои фаслу бобҳо ва таҳқиқи назарии мавзуъ мебошанд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ.** Саҳми диссертант дар он зоҳир мегардад, ки аввалин маротиба истилоҳоти забоншиносӣ дар ҳар ду забон мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифта, вижагиҳои умумӣ ва фарқкунандаи онҳо дар ин забонҳо нишон дода шудаанд. Инчунин, дарёфти дараҷаи илмӣ ба сатҳи навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ асоснок карда мешавад.

Дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-068-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз 4-уми марти соли 2024 дар бораи сазовор донистани Нурова Зведамо Сафаровна ба дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 12 нафар (фармоиши КОА аз 30.12.2022, № 306/шд), аз ҷумла 4 нафар доктони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд.

Дар овоздиҳӣ 12 нафар иштирок намуданд. Аз 15 нафар аъзои ба ҳайати шурои диссертатсионӣ шомилбуда овоз доданд: тарафдор – 12 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Муовини раиси шурои диссертатсионӣ
доктори илми филология, профессор Каримов Ш.Б.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ
номзади илми филология, дотсент Каримова Д.Н.

04.03.2024